*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 150 (4570) | ДУШАНБЕ, 5 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРИИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**4-уми декабри соли 2022 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи навбатии Шӯро ва ҷаласаи пленарии 15-уми Ассамблеяи Парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (АП СААД) ба шаҳри Москваи Федератсияи Россия сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Внуково Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро муовини Раиси Думаи Давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва дигар намояндагони расмӣ истиқбол гирифтанд.

Дар ин сафар Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро раисони як қатор кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.



**Ҳамон рӯз Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳамроҳи роҳбарони ҳайатҳои парлумонии иштирокдорони чорабиниҳои Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ маркази фарҳангию маърифатии «Заряде»-ро дар шаҳри Москва тамошо карданд.**

Он дар маркази таърихии шаҳри Москва, дар шафати «Қасри Кремл» дар майдони 13 гектар аз рӯи консепсияи манзаравию меъмории гурӯҳи коршиносони байналмилалӣ бунёд ёфта, соли 2017 дар ҳошияи таҷлили 870-солагии Москва мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст. Дар маҷмааи фарҳангӣ шумораи зиёди майдончаҳои сабзпӯш, ки чор минтақаи махсуси табиии Федератсияи Россияро муаррифӣ мекунанд, ҷойгир карда шудааст. Бо мақсади истироҳату фароғати сокинон ва сайёҳону меҳмонон, дар болои дарёи Москва иншооти «пули муаллақ» - майдони тамошо сохта шудааст. Ҳамчунин, дар ҳудуди маҷмаа толори бузурги консертӣ барои 1900 тамошобин, намоишгоҳҳову аттраксионҳои интерративӣ, маркази «Ғори яхин», осорхонаи интерактивии зеризаминӣ ва дигар иншоотҳои илмию фарҳангӣ фаъолият менамоянд.

**5 - уми декабри соли равон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳамроҳи роҳбарони ҳайатҳои парлумонии кишварҳои иштирокдори чорабиниҳои байнипарлумонӣ дар маросими гулчанбаргузорӣ дар назди ёдгории аскари номаълум ва гиромидошти хотираи қурбониёни ҷанги солҳои 1941-1945 иштирок карданд.**

**Ҳамчунин, дар шаҳри Москва дар ҳошияи ҷаласаи навбатии Шӯрои Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Думаи Давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Вячеслав Володин мулоқот карданд.**

Зимни суҳбат масъалаҳои мубрами вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои Тоҷикистону Россия, аз ҷумла робитаҳои байнипарлумонии ҳар ду кишвар, баррасӣ гардиданд.

Ҷонибҳо бо қаноатмандӣ зикр карданд, ки мулоқоту вохӯриҳои роҳбарони ҳар ду давлат ба раванди рушди мунтазами ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, инчунин таҳкими заминаҳои ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба, мусоидат менамоянд.

**Нимаи дуюми панҷуми декабри соли равон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия дар ҷаласаи Шӯро ва ҷаласаи пленарии понздаҳуми Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (АП СААД) иштирок ва суханронӣ карданд.**



Ҳар ду ҷаласа таҳти раёсати Раиси АП СААД, Раиси Думаи Давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Вячеслав Володин доир гардида, дар кори он роҳбарони ҳайатҳои парлумонӣ масъалаҳои мубрами рӯзномаи фаъолияти СААД ва натиҷаҳои асосии фаъолияти онро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни суханронӣ таъкид карданд, ки дар марҳилаи таърихии 30 соли баимзорасонии Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва 20 соли таъсисёбии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ҳамкории давлатҳои аъзои ин созмони байниминтақавӣ дар сатҳи сифатан нави муносибатҳои ҳампаймонӣ роҳандозӣ гардида, таҷрибаи назарраси байнидавлатӣ, байниминтақавӣ ва байналмилалӣ ҷиҳати муқовимат ба чолишҳо ва таҳдидҳои муосир ба даст омадааст.

Дар ин зимн, муҳтарам Рустами Эмомалӣ таваҷҷуҳи аъзои Шӯрои Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъиро ба ихтилофҳои дар минтақаҳои гуногуни олам бамиёномада, ки барои рушди аксари кишварҳо мушкилот эҷод мекунанд, равона сохта, вобаста ба вазъияти мураккаб дар Афғонистон, бори дигар зарурату аҳамияти таҳкими ҳифзи сарҳади давлатии Тоҷикистону Афғонистонро ҳамчун сарҳадоти ҷанубии минтақаи СААД таъкид доштанд.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо натиҷагирӣ аз давраи раёсати Ҷумҳурии Арманистон дар Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ҷиҳати анҷоми корҳои босамару назарраси он дар давраи раёсат дар СААД изҳори сипос намуда, ҳамчунин, ба ҷониби Ҷумҳурии Беларус омодагии ҷониби Тоҷикистонро барои мусоидат баҳри татбиқи зарфиятҳои ин кишвар дар давраи раёсат дар СААД, иброз доштанд.

Бо натиҷагирӣ аз кори ҷаласаи Шӯро ва ҷаласаи пленарии понздаҳуми Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ як қатор санадҳо қабул карда шуд. Аз ҷумла, ҷиҳати наздикшавӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории миллии кишварҳои аъзо як қатор тавсияҳои қонунгузорӣ дар бахшҳои мудофиа ва амният, таъмини ҳифзи равандҳои электоралӣ, оид ба муқовимат ба хавфҳои тақсимоти беназорати дороиҳои виртуалӣ қабул гардиданд.

Ҳамчунин, дар ҷаласа нақшаи кори АП СААД дар соли 2023 ҷонибдорӣ ёфта, сметаи даромадҳо ва хароҷоти таъминоти фаъолияти СААД барои соли оянда тасдиқ карда шуд.




**www.majmilli.tj**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Панҷуми декабри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нефт ва газ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи гузориши роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷамъбасти натиҷаи вохӯриҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихобкунандагон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъзе аз онҳо барои пешниҳоди хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои дахлдор ирсол гардиданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, «Дар бораи доир намудани муҳокимаи парламентӣ «Оид ба иҷрои Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

Дар ҷаласа Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода иштирок доштанд.

**«Садои мардум»**

## МАСЪАЛАИ ТАЪМИНИ КӮДАКОН БО ҒИЗОИ ТАБИӢ БАРРАСӢ ШУД

**Дуюми декабри соли равон дар меҳмонхонаи «Ҳайат Реҷенси»-и шаҳри Душанбе дар мавзӯи «Татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ дар самти таъмини ғизои кӯдакон, бахусус ғизодиҳии табиӣ (ширдиҳӣ аз пистони модар)-и кӯдакон ва ташаббусҳо ҷиҳати такмили он тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» суҳбати мизи мудаввар доир гардид.**




Дар чорабинӣ муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони мақомоти давлатӣ, роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ дар Тоҷикистон, намояндагии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ширкат карданд.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Дилрабо Мансурӣ иброз намуд, ки масъалаи беҳтар кардани вазъи истеъмоли ғизо дар байни аҳолӣ, таъмини ғизо, бахусус ғизодиҳии табиӣ (ширдиҳӣ аз пистони модар) ва ташаббусҳо ҷиҳати такмили он дар доираи «Стратегияи миллии рушд то соли 2030» яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати мамлакат ба шумор рафта, ин мушкилот дар доираи Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030 ҳамчун масъалаи асосии глобалӣ боқӣ мемонанд. Зеро норасоии ғизо ҳанӯз дар байни 26 фоизи аҳолӣ ба назар расида, гипотрофия дар байни 10 фоизи кӯдакони то синни 5-сола мушоҳида мешавад. Бинобар сатҳи баланди камхунӣ ва нарасидани йод аксари занону кӯдакон аз норасоии микроэлементҳо азият мекашанд.

- Иқдоми пешгирифтаи парлумони кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шарикони рушд дар баргузории ин ҳамоиш аз он шаҳодат медиҳад, ки таъмини воқеии мардуми Тоҷикистон, бахусус кӯдакони ширмак ва бонувон бо ғизои хушсифат, ба афзоиши солимӣ ва рушд мусоидат хоҳад кард, - илова кард Дилрабо Мансурӣ.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

Шарҳи қонун



# МУҲАББАТНОМАИ МАРДУМ БА ФАРЗАНДИ ФАРЗОНАИ МИЛЛАТ

## Чунин аст моҳияти Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат»

**Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» дар низоми қонунгузории кишвар падидаи нав маҳсуб шуда, «вазъи сиёсӣ ва ҳуқуқии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллатро ҳамчун бунёдгузори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, сулҳ ва ваҳдати миллӣ, бо мақсади тақвияти асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзӣ, якпорчагии Ватан, суботу пойдории давлати Тоҷикистон, таҳкими демократия, таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои таърихии давлатдории миллӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон муқаррар мекунад».**

Қонуни мазкур бо риояи талаботи моддаҳои 6, 27, 31, 58 - уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо арзи эҳтиром ба пешниҳоду дархости шаҳрвандони ҷумҳурӣ, бо эътирофи моддаи 21-уми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, мувофиқ ба муқаррароти моддаҳои 1, 19 ва 25-уми Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар такя ба таҷрибаи давлатҳои демократӣ рӯи кор омада, аз муқаддима ва 16 модда иборат аст.

Ҳоҷат ба шарҳу эзоҳ нест, ки қадршиносӣ аз хизматҳои таърихии фарзанди содиқу вафодори халқ ҳадафи асосии қонун маҳсуб мешавад. Тибқи муқаррароти қонун, «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст».

Ҳарчанд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле пештар Пешвои миллат эътироф шудаанд, вале баҳри аз лиҳози ҳуқуқӣ расмикунонӣ моддаи 2 қонуни конститутсионӣ муқаррар кардааст, ки «Ба сифати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Эмомалӣ Раҳмон, ки барои халқи Тоҷикистон хизматҳои бузургу беназир кардааст, эътироф карда мешавад».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат салоҳият дорад, ки ба халқи Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор оид ба масъалаҳои муҳими сохтори давлатӣ, амнияти кишвар, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ муроҷиат намояд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ ҳатмӣ мебошад.

Илова бар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат узви якумраи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон буда, масъалаҳои муҳими давлатӣ ва ҷамъиятӣ, самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишвар бо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат мувофиқа карда мешаванд. Ба хотири арҷгузорӣ аз хизматҳои содиқонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат дар назди Ватан, таъсиси орден ва ҷоизаи давлатӣ бо номи Пешвои миллат, бунёди осорхона, китобхона ва бойгонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат ҳамчун сарвати миллӣ низ муқаррар гардидааст. Дигар моддаҳои ин санади меъёрии ҳуқуқӣ масъалаҳои дахлдорро танзиму муқаррар намудаанд. Ба андешаи инҷониб, барои ба маънои томаш Пешвои миллат эътироф гардидан сифатҳои дигари шахсӣ низ афзалият доранд, ки онҳоро ҳеҷ санад қодир нест, ки танзим намояд. Яке аз онҳо ҷасорати шахсӣ аст, ки дар Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини давлатдорӣ баръало буд. «Баҳри истиқрори сулҳ ва бозгашти ҳама гурезаҳо ман тайёрам ҷони худро нисор кунам»-ро Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор намуданд. Дар солҳои минбаъда низ борҳо исбот кард, ки қавлу амали ин абармард якест.

Журналист Саидалӣ Сиддиқ хеле бамаврид қиёс кардааст, ки: «Амрикоиҳо аллакай дар солҳои нахустини ҳукмронии Рузвелт ба неруи ҳаётбахшу коҳишнаёбанда, хирад ва дурандешии ӯ эътимод намуданд. Бинобар ин, ӯ ягона президенти амрикоӣ дар таърих буд, ки чаҳор маротиба пай дар пай сарвари давлати ИМА интихоб шудааст. Ин, алалхусус, аз он ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар солҳои ҳукуматдории Эмомалӣ Раҳмон ва Франклин Рузвелт Тоҷикистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико озмоишҳои сахттаринро паси сар карданд. Агар амрикоиҳо бо Депрессияи бузург (Great Depression), буҳрони бонкӣ, бекории оммавӣ ва Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мувоҷеҳ шуда бошанд, пас қисмат моро бо оқибатҳои ниҳоят сангини фурӯпошии ИҶШС, ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони иқтисодӣ ва афзоиши бекорӣ рӯ ба рӯ намуд».

Қобилияти бахшида тавонистан яке аз фазилатҳои дигари Пешвои миллат мебошад. Хеле кам воқеъ мешавад, ки Роҳбари давлат ҳатто гуноҳи онҳоеро, ки душмани сохти конститутсионӣ буданд, бахшад. Ҳамватанонамон шоҳиданд, ки барои авфи гуноҳи шахсоне, ки ҷиноят содир карда, зиндонӣ шуданд, даҳҳо қонуни авфро ба имзо расониданд.

Ҷанбаи дигари муҳими қонун ҳамин аст, ки заминаи боътимоди маънавӣ дошта бошад, ба ҷуз муносиботи муҳими иҷтимоӣ, ҷанбаҳои равониву эстетикӣ ва ахлоқии мардумро мадди назар дорад.

Ҳарчанд мақоми Пешвои миллат барои кишвари мо нав аст, аммо моҳиятан дар қиёс ба падидаи президент барои миллати тоҷик бештар қобили қабул буда, қаробати зиёдтар дорад. Президент дар ҷаҳони муосир падидаи бениҳоят маъмул буда, зуҳури Пешвои миллат бошад, тақозои раванди давлатсозӣ дар марҳилаҳои душвори ин ё он давлат буда, ба номи шахсиятҳои бениҳоят муътабар рабт дорад. Муҳим он аст, ки мақоми Пешвои миллат бо махсусият ва мероси ниёкони мо низ созгор буда, умумиятҳои таърихии зиёд дорад.

Онҳое, ки муҳимияту моҳияти қонуни конститутсионии мазкурро таври бояду шояд дарк накардаанд, бояд донанд, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ расмикунонии эътирофи ҷонфидоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳеҷ ваҷҳ сифату арзишҳои демократии ҷомеа ва давлатҳоро коҳиш надода, баръакс, иттиҳоду ҳамбастагии тоҷику тоҷикистониёнро таҳким бахшид.

Дар санади меъёрии ҳуқуқии мазкур иродаи мардуми шарифи тоҷик ифода ёфта, ба ин васила бори дигар соҳибтамаддун ва қадршинос будани миллати тоҷик собит гардид. Аслан шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниёз ба тарғиб надорад. Шахсиятҳои маъруфи зиёд низ эътироф карданд, ки маҳбубияти ин абармарди дунёи сиёсат аз афкору мулоҳиза, фитрату завқу салиқа ва ҷасорату садоқат маншаъ гирифтааст. Пешвои миллат то ҳадде хоксору қаноатпешаанд, ки вақте ӯро мардум қаҳрамон мегӯянд, бо самимияту сароҳат мардуми тоҷикро қаҳрамон меноманд. Таъкид мекунанд, ки фарзанди ин сарзаминанд ва хизматҳояшон ба ин сарзамин фарзандвор, холисонаву содиқона ва дар заминаи муҳаббат ва ормонҳои миллист.

Ба андешаи номзади илми ҳуқуқ Раҳмон Озода Эмомалӣ, «Калиди муваффақиятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки дар зимоми давлатдорӣ ба ганҷинаи ғании таҷрибаи давлатдории ниёгони сарбаланду бомаърифати хеш ин кори наҷибро идома дода, аз рӯзҳои аввали Роҳбари давлат шуданаш Пешвои миллат пайваста вохӯрию суҳбатҳоро бо аҳолии тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат, шахсони кордидаю корозмуда, намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа ва бахусус, зиёиёни мамлакат, ба яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти хеш қарор додааст. Дар ин радиф бояд таъкид намуд, ки бо фитрати аз Худованд эҳдонамудааш ӯ ҳамеша авзои ҷомеаро ба хубӣ дарк менамояд ва вобаста ба он ба ҳалли масъалаҳое оғоз менамояд, ки тақозои рӯзанд. Маҳз дар ҳамин замина ӯ дар мизони заковати хеш оқибатҳои корҳои шурӯънамудаашро дарк менамояд, ки дар бисёр мавридҳо атрофиёнаш аз фаҳмидани моҳияти мақсадҳои наҷибаш қафо мемонанд».

Эътироф бояд кард, ки дар ҷаҳони муосир давлатсозӣ, фароҳам овардани шароит барои ташаккули миллат, таъмини истиқлоли сиёсиву гуманитарӣ, бунёди давлати иҷтимоӣ, демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ кори саҳлу сода нест. Зиндагии босаодати мардуми кишвар далели бебаҳси он аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин рисолатро дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро карда истодаанд, марбут мебошанд. Дар бораи моҳияти истиқлолияти давлатӣ зиёд гуфтаанду навиштаанд, пажӯҳишҳои илмӣ низ дар ин бобат зиёданд. Хулоса ин аст, ки бо вуҷуди пуршебу фароз будани ҷодаи давлатдорӣ ва тамоюли духӯра касб кардани ҳуқуқу озодиҳо дар ҷаҳони муосир истиқлолияти давлатӣ ягона воситаи эътироф ва эҳтироми ҳаққи худмуайянкунии миллатҳост. Аз ин лиҳоз, барои тоҷику тоҷикистониён истиқлолияти давлатӣ аз арзишу моҳияти хоса бархӯрдор аст.

Мо ҳаводиси солҳои навадуми асри гузаштаро ба ҳеҷ ваҷҳ набояд фаромӯш кунем. Бо «мусоидат»-и фарзандони нохалафи миллат ва «ҷаҳду талош»-и хоҷаҳои хориҷии онҳо халқ пароканда, аркони давлатӣ фалаҷ гардида, миллату давлат ба вартаи нобудӣ расиданд. Ба андешаи ман, дар ҷомеа набудани шахсият фоҷиа аст. Онҳо ҷомеаро шаҳомат мебахшанд, мардумро рӯҳбаланду роҳнамоӣ мекунанд, бо садоқату ҷасораташон одамони дурӯяву нотавонбинро ноком мекунанд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маънои томаш шахсият мебошанд. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, ки марҳилаи бениҳоят ҳассос маҳсуб мешуд, ба дарди мардуми тоҷик, ки аксарият бедаво унвон карда буданд, маҳз Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳам шуданд. Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон (солҳои 1991-2016), дар суханронии худ 15-уми июни соли 2001 эътироф карда буд, ки: «Бо зуҳури Эмомалӣ Раҳмон дар саҳнаи сиёсӣ ҳамон раванди оштӣ, ки боиси таҳаввулоти кунунии зиндагӣ дар Тоҷикистон гардид, оғоз ёфт. Маҳз қобилияти ӯ дар ёфтани роҳҳои дуруст, пайдо кардани мувофиқа байни одамони дорои эътиқодот ва назариёти комилан мухталиф, таҳаммулпазирӣ ва иродаи қавӣ ҷузъи асосии сулҳи имрӯза дар Тоҷикистон мебошанд».

Шояд ҳоло барои баъзе нафарони аз ҳама кас ва ҳама чиз норозӣ боварнокарданист, вале дар он замон кам нафаре пайдо мешуд, ки зимоми идораи давлатро ба дӯш гирифта, истиқлолияти аздастрафтаистодаро ҳифз намояд. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори амонати давлатдорӣ ва раҳоӣ аз ин мушкилоти ҷиддиро ба дӯши роҳбари ҷавон - Эмомалӣ Раҳмон гузошт.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ дар матлаби хеш – «Маҷлиси миллӣ зодаи даврони истиқлолият аст» бамаврид ёдовар шудааст: «Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар меҳвари рӯзномаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт, интихоби Сарвари нави давлат буд, ки мебоист дар он вазъи барои кишвар хеле мураккабу ноором нахуст институтҳои фалаҷгардидаи давлатиро барқарор, волоияти қонунро таъмин ва ҷанги шаҳрвандиро хотима бахшад. Интихоби вакилон ба номзадии Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифт ва ин абармарди миллат, ки дорои сифатҳои роҳбарӣ, ҷасорату матонати сиёсӣ аст, дар натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ бо ҷонибдории аксарияти вакилон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Ӯ дар нахустин савганде, ки ба ҳайси Роҳбари давлат ёд кард, гуфт: «…кори худро аз сулҳ оғоз хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам. Мо ҳама ёру бародар бошем, то ки вазъиятро ором намоем…». Баъдтар таърих собит намуд, ки Пешво ва роҳнамои миллат ба ин принсипҳои бунёдӣ ҳамеша содиқ аст».

Дили соф ва нияти неки Роҳбари ҷавони чилсола боис гардид, ки дар иҷрои рисолати таърихӣ комёб ва Пешвои воқеии миллат эътироф гарданд. Касе наметавонад инкор намояд, ки ин фарзанди фарзонаи миллат баҳри истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ, ҳимояву арҷгузории арзишҳои милливу давлатӣ корҳоеро амалӣ намуданд, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ назир надоранд. Шоҳидони ҳол мегӯянд, ки бисёриҳо он замон пешниҳоди Сардори давлатро бобати таъин шудан ба ин ё он мансаб рад мекарданд. Тоҷикистон он айём ба киштии шикаста шабеҳ буд, ки ба нохудои ҷасур ва сарсупурда ниёз дошт. Шахсони дар мактаби сиёсат обутобёфта ва дар мансабҳои баланд фаъолияткарда вазифаҳои калидиро рад мекарданд. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки шакли идораи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми ноябри соли 1990 тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон ҷорӣ карда шуда, Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон Қ. Маҳкамоврo Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намуд. Вале он интихоби бевоситаи халқ набуд, онро вакилони Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон амалӣ намуданд.

Бо мурури камтар аз як сол Қ. Маҳкамов ба истеъфо рафту боз ба Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, интихоботи умумихалқии Президент эълон гардид. 27-уми ноябри соли 1991 Р. Набиев Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб, вале бар асари ноором иҷборан моҳи сентябри соли 1992 ба истеъфо фиристода шуд. Бо ёдоварӣ аз он рӯзҳо прокурори генералии мамлакат Юсуф Раҳмон воқеъбинона нигоштааст: «Аввалин маротиба институти президентӣ дар Тоҷикистон бо ворид намудани тағйиротҳои дахлдор ба Конститутсияи ҳамон сол амалкунанда моҳи ноябри соли 1990 таъсис дода шуда, ду нафар ба ин мансаби олӣ интихоб гардидаанд. Дар як муддати кӯтоҳ (солҳои 1990-1992) президентҳои интихобгардида зери фишору таҳдидҳои гурӯҳҳои мусаллаҳу ифротӣ истодагарӣ карда натавониста, идоракунии давлатро аз даст доданд. Дар чунин лаҳзаҳои душвор Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси роҳбари кишвари тозаистиқлоли тоҷикон интихоб гардида, бо шиори «Ман ба шумо сулҳ меорам» умеди мардумро дубора баояндаи неки кишвару давлат зинда карданд».

Муаррифии кишвар ба ҷомеаи ҷаҳон, ҳифз намудани манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ идомаи мантиқии ибтикори иқдомоти зикргардида мебошанд, ки дар ин самт низ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастовардҳои бениҳоят зиёд доранд. Ҷаҳон ҳама вақт ба неруи ақлонӣ ниёз дорад ва маҳз он кишварҳое, ки аз ин неру пурғановатанд, дар тамоми соҳаҳо пешсаф ва намунаи ибрат мебошанд. Шахсиятҳои ҷасуру нотарс ва содиқу донишманд дар ҷомеа ҳамеша пешсафу пешоҳанг ва бунёдкор маҳсуб мeёбанд ва ягон иқдом дар ҷомеа бидуни иштироки онҳо ҷомаи амал намепӯшад.

Аз ин рӯ, нақши ин қабил шахсиятҳо дар ҳама давр, хусусан дар замони соҳибистиқлолии кишварамон, хеле бузург мебошад. Нафари поквиҷдону масъулиятшинос, ки ҳамзамон шахси таҳсилдидаву равшанфикр аст, нуру рӯшноии ҷомеа маҳсуб мeёбад ва аҳли ҷомеаро сӯи созандагӣ ҳидоят намуда, дар пешрафту такомули соҳаҳои гуногун, таҳкими ваҳдати миллӣ ва дифоъ аз манфиатҳои миллат ва Ватан саҳмгузор аст. Ба маънои томаш, чунин ашхос бавуҷудоранда, рушддиҳанда ва пешбарандаи афкори ҷомеа, намунаи ибрати мардум, бахусус, насли ҷавон, маҳсуб мешаванд. Дар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сифатҳои мазкур тавъаманд. Шоҳидони ҳол аз муътабар, иродаи қавӣ доштану нафари принсипиалӣ буданашон то Сардори давлат интихоб шудан низ ёдовар мешаванд. Барои мисол собиқ вазири тандурустӣ, иштирокчии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аламхон Аҳмадов дар мусоҳиба бо муаллифи сатрҳо чунин гуфт: «Тобистони соли 1992 дар ҳайати гурӯҳи ҳукуматӣ, ки ба он муовини Сарвазири ҷумҳурӣ Тӯхтабой Ғаффоров роҳбарӣ мекард, ба шаҳри Кӯлоб ва сипас ба ноҳияи Данғара рафтем. Ба гурӯҳ зиёда аз 15 вазиру масъули Ҳукумати муросои миллӣ шомилем. Он замон дар ноҳияи Данғара теъдоди зиёди гурезаҳо аз дигар шаҳру навоҳӣ маскун буданд. Баробари фуруд омадани чархбол дар фурудгоҳи Данғара моро гаравгон гирифта, ба толори Омӯзишгоҳи касбӣ - техникии ноҳия бурданд. Дар он ҷо зери поямон мина гузошта, таҳдид карданд, ки метарконанд. Хулоса, ҷони аъзои гурӯҳ дар хатар буд. Илтимосу хоҳиши раиси вақти ноҳия Комилҷон Абдуқодиров ва депутати Шӯрои Олӣ Адолат Раҳмонова бенатиҷа монд. Он замон Эмомалӣ Раҳмон раиси хоҷагӣ буданд ва баробари аз қазия огоҳ шудан моро аз марг наҷот доданд. Аз ин бармеояд, ки ҳамон вақт низ Пешвои миллат миёни мардум обрӯву нуфузи бениҳоят баланд доштанд».

Албатта, дар ин раванд рӯйдоди муҳим ва тақдирсоз интихоби дурусти Сарвар дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ маҳсуб мешавад, вале фаъолияти минбаъдаи Сарвари тозаинтихоб муҳимтар аз ҷанбаҳои дигар аст. Имрӯз далели бебаҳс аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давлатдориро аз сифр, бо назокатҳои ба он айёми ҳассос хос, мадди назар қарор додани манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ шурӯъ карданд. Ҷанбаи дигари муҳим он аст, ки дар он айёми ҳассос оташбас ва субот ба ин гурӯҳҳои манфиатдори дохилию хориҷӣ қобили қабул набуд. Биноан, барои Роҳбари ҷавон паймудани масири пурмонеа пеш омад. Тавре Пешвои миллат дар яке аз суханрониҳояшон эътироф карданд, дар бисёр ҳолатҳо ҳатто баъзе ҳамсафон баояндаи нек шубҳа доштанд. Фазилатҳои зикршудаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боис гардиданд, ки халқро аз пароканда-гӣ, миллатро аз нестшавӣ ва давлатро аз завол наҷот диҳанд. Зиндагии инсони асил мисоли китобест пурмаънӣ, ибратбахшу хонданӣ. Ҳар саҳифаи умри фарди некном рангину фаромӯшношуданист. Ҳарчанд рӯзҳо мегузаранд, ҳамон қадар қадру қиматаш афзун мешавад. Кори наку ва писандидааш дар хотираи мардум зиндатар, номаш гиромитар мегардад.

Хулоса, чанд ҷанбаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат», ки бо истинод ба андешаҳои нухбагони мамлакат бозгӯйӣ гардид, далели бебаҳси он аст, ки чунин қадршиносӣ ба авторитаризму шахсиятпарастӣ умуман рабт надошта, моҳиятан муҳаббатномаи мардуми қадршинос ба фарзанди фарзонаи миллат аст.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

# ИШТИРОКИ ЗОИР РАҲМОНЗОДА ДАР ҶАЛАСАИ КОМИССИЯҲОИ ДОИМИИ АБ ИДМ

**Дуюми декабри соли равон дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия ҷаласаи нақшавии комиссияҳои доимии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои ИДМ оид ба фарҳанг, иттилоот, сайёҳӣ ва варзиш баргузор гардид, ки дар кори он вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоир Раҳмонзода аз тариқи фосилавӣ ширкат кард.**



Иштирокчиён масъала дар бораи «Нақши робитаҳои байнипарлумонӣ дар таҳкими фаъолияти парламенти касбӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Зоир Раҳмонзода зимни баромадаш гуфт, ки бо печида шудани равандҳои байналмилалӣ, рушди ҳамгироӣ, пайдоиши таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ муносибатҳои байнидавлатӣ хусусияти бисёрҷониба касб кардаанд. Тағйироти пайваста дар муҳтаво ва моҳияти ҳамкориҳои байнипарлумонӣ яке аз унсурҳои муҳими ин равандҳо буда, татбиқи мақсадноки онҳо дар фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хосаро ишғол менамояд.

- Саҳми Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ ҳамчун платформае, ки дар он қонунҳои намунавӣ дар сатҳи баланди касбӣ таҳия мегарданд, дар таҳким ва такмили қонунгузории миллӣ назаррас аст, - гуфт Зоир Раҳмонзода.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# МАСЪАЛАИ ТАЪМИНИ КӮДАКОН БО ҒИЗОИ ТАБИӢ БАРРАСӢ ШУД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Ҳамчунин, муовини вазири тандурустӣ Зулфия Абдусаматзода гуфт, ки аз соли 1998 инҷониб дар тамоми таваллудхонаҳои ҷумҳурӣ 10 принсипи бомуваффақияти синамаконии атфол ҷорӣ шуда истодааст. Соли 1999 аввалин маротиба дар ҷумҳурӣ Таваллудхонаи шаҳрии №1-и шаҳри Душанбе (собиқ №3) соҳиби сертификати умумиҷаҳонии «Муносибати некбинона нисбати атфол» гардида, то ҳол 58 муассисаи табобатию профилактикии ҷумҳурӣ дорои ин сертификат мебошанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки 93 фоизи навзодон дар чунин беморхонаҳо таваллуд мешаванд ва 90-95 фоизи ин тифлон пас аз 30 дақиқаи баъд аз таваллуд шири модар мехӯранд.

Зикр шуд, ки бинобар тадқиқотҳои гузаронидашуда, кӯдаконе, ки то синни 6-моҳагӣ ғизои сунъӣ мегиранд, 82 фоизашон ба бемории дарунравӣ ва 92 фоизашон ба бемориҳои шадиди роҳҳои нафас гирифтор шудаанд. Ҳамчунин, дар кӯдаконе, ки бо шири холис ғизо гирифтаанд, дар 5,3 фоизи ҳолатҳо гирифтори бемории дарунравӣ ва дар 35 фоизи ҳолатҳо гирифтори бемории шадиди роҳҳои нафас шудаанд. Чунин хулоса кардан мумкин аст, ки кӯдакони бо шири модар ғизогиранда, 17 маротиба камтар ба бемориҳои дарунравӣ ва бемориҳои шадиди роҳҳои нафас гирифтор мешаванд.

Инчунин, синамаконии давомдор (то 2-солагии кӯдак) метавонад ба коҳиш ёфтани эҳтимолияти пайдошавии вазни зиёдатӣ ва ё паҳн шудани фарбеҳӣ то ба 13 фоиз ва ҳамчунин, то ба 35 фоиз кам шудани ҳолатҳои рушди диабети навъи 2 мусоидат намояд.

Дар нишаст Сумангул Тағойзода раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, Осама Маккавӣ сардори Намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ дар Тоҷикистон, Виктор Олшанский сардори Намояндагии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон, Абдуллозода Умеда муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ашурзода Гулбаҳор муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ ва Шералӣ Раҳматуллоев мушовири Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ низ баромад карданд.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
**«Садои мардум»**

# БУНЁДКОРИҲО ДАР БАДАХШОН

**Дар асоси дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияҳои Ванҷу Рӯшон ва Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо иштироки раиси вилоят Алишер Мирзонабот ва сокинони ноҳияҳо як қатор иншооти нави мавриди ниёзи мардум ба истифода дода шуданд.**




Чунончи, дар деҳаи Баррӯшони ноҳияи Рӯшон бо ибтикори соҳибкори ватанӣ Ромиш Худоиев маркази хизматрасонӣ барои сокинони деҳа ба кор оғоз намуд. Дар ошёнаи аввал маркази савдо, ошёнаи дуюм сехи дӯзандагӣ, кошонаи ҳусн, сартарошхона ва дар ошёнаи сеюм меҳмонхонаи барҳаво ҷой дорад.

Феълан 20 нафар сокинони маҳаллӣ дар ин марказ бо ҷои кори доимӣ таъмин гардида, бар замми ин соҳибкор Р. Худоиев ният дорад, то дарояндаи наздик дар таҳхонаи бино сехи қаннодиро ба истифода диҳад.

Дар деҳаи Дерзуди ноҳияи Рӯшон бунгоҳи нави тиббӣ, иборат аз чор утоқи корӣ, ки ҳашт нафарро ба кор фаро гирифтааст, ба истифода дода шуда, ҳоло дар хизмати 2 577 нафар сокинон қарор дорад.

Чунин бунгоҳи тиббии замонавӣ дар деҳаи Гармчашмаи деҳоти ба номи Аскар Замирови ноҳияи Ишкошим низ ба ифтихори сиюмин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Иншооти нав бо харҷи 754 ҳазору 769 сомонӣ аз ҷониби Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид сохта шудааст. То ин вақт чунин муассисаҳои тандурустӣ чандон зиёд набуда, яке аз мушкилоти сокинони баъзе деҳаҳои навоҳии вилоят ба шумор мерафт.



Дар ноҳияи Ванҷ бо иштироки раиси ВМКБ Алишер Мирзонабот, муассисаи замонавии таҳсилоти ибтидоии деҳаи Даштаки деҳоти «Язгулом» ифтитоҳ ёфт.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

Ба озмуни «Маърифати экологӣ»

# МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ ВА ЗИНАҲОИ РАСИДАН БА ОН

**Мушкилоти маърифати экологӣ дар асри XXI ҳамчун мерос боқӣ монд. Олими машҳури америкоӣ С. Хантингтон инро «бархӯрди тамаддунҳо» номидааст. Ба андешаи мо, агар инсонияти асри XX бадбахтии хеле зиёди экологӣ эҷод намуда бошад, пас дар асри XXI бисёр мушкилоти экологӣ, аз ҷумла маърифати экологӣ, аз тарафи инсоният метавонад роҳи ҳал пайдо намояд. Чиро маърифати экологӣ меномем? Нахуст он дониши одӣ аст. Яъне, зинаи аввали камолоти инсон маҳсуб мешавад. Дар ин зина дар бораи худ ва атрофиён, инчунин муҳити атроф шахс маълумот пайдо мекунад ва ин маърифати экологӣ нест. Маърифат сабаби ҳастии низоми экология дар гузашта буд ва бо мурури вақт он номи нави илмӣ – маърифати экологиро гирифт.**

Ин андешаҳои муҷмал тафсири мушаххас ва дақиқро талаб менамояд. Маърифат илми васеъ буда, куллӣ аст, аммо экология илми ҷузъӣ аст ва хеле мушаххас мебошад. Маърифат ва экология бо ҳам алоқаманд мебошанд. Ҳар илме мавзӯъҳои худро дорад ва мавзӯи маърифат умуман дониш аст, аз ҷумла дониши экологӣ. Мавзӯи экология мушаххас аст ва дар ягонагӣ бо маърифат доимо дар тағйирёбӣ аст. Пас омӯхтани маърифати экологӣ дуруст аст аз ду ҷиҳат: якум, барои шинохти мавзӯи ин илм, дуюм, барои ҳифз намудани дониши пайдокардашуда. Аз ин рӯ, дар ин гуна маврид лозим меояд, ки зинаҳои расидан ба маърифати экологиро ба тафсил баён намоем. Он якчанд қисматро дар бар мегирад, монанди нардбоне, ки зинаи олии он маърифати экологӣ мебошад, ки бо роҳи ақл ба даст меояд.

мепардозад, дар вуҷуди ӯ тағйироти куллӣ ба амал меояд. Яъне, дар одам эътиқод пайдо мешавад нисбат ба худ, атрофиён ва мавҷудоте, ки вуҷудашон ба феъли инсон вобастагӣ дорад. Ҳамин муносибат дар гузашта маърифати экологии халқи тоҷикро ба зинаи олӣ баланд бардоштааст. Далели гуфтаҳои боло фарҳанг, таърих ва рафтору кирдори гузаштагони миллати тоҷик шуда метавонад. Масалан, дар оини зардуштия ва баъдан дар дини ислом олами мавҷудоти ҳастӣ муқаддас дониста мешуд, монанди об, замин, оташ ва офтоб. Ҳамин анъана имрӯз ҳам идома меёбад. Анъанаи тозаю озода нигоҳ доштани манзили зист, анҷоми хона, бадан, гирду атрофи манзил, сохтмони силсилаи боғҳо ва гулгаштҳо, шинондани дарахту ниҳол далели маърифати баланди экологии тоҷикон дониста ва эътироф шудааст.



Якум. Зинаи дониши ҳиссӣ, ки одам олами атрофро меомӯзад. Инсоният табиатро аз худ менамояд, вале на ба маънои ҳукмфармоӣ ба дигар мавҷудот балки барои худро ва дигаронро шинохтан. Дар ин зина аввалин нишонаҳои маърифати экологӣ пайдо мешаванд. Масалан, одам табиат, хосиятҳои гуногуни ҷисмҳоро омӯхта, аз он ҳаловат мебарад. Дар чунин маврид шахс малакаҳои донишу тавоноиро ба даст меорад. Ин фазилатҳои маърифати экологӣ мебошад. Вақте ки одам нисбат ба табиат бадкирдорӣ зоҳир менамояд, ин далели дур шудан аз маърифати экологӣ аст. Пас чӣ бояд кард? Ба андешаи мо, даъвати донишро талаб кардан аст. Ин монанди пуле ҳаст, ки ба маърифати экологӣ шахсро наздик мекунад ва ба воситаи он мегузаронад. Табиат барои инсоният неъматҳои гуногун офаридааст, то ин ки онҳоро одам бо роҳи некӣ ва дониш дарёфт намояд.

Дуюм. Дигар чизе, ки маърифати экологиро дар одам таҷассум менамояд, муносибати ӯ ба табиат мебошад. Муносибат метавонад гуногун бошад: иқтисодӣ, эстетикӣ, ахлоқӣ, истеҳсолӣ, илмӣ ва ғайра, вале барои мо муҳим маърифат, дониш дар бори захираҳои табиат, муҳити боақлона нисбат ба табиат аст. Одам барои саодатманд шудан ба маърифати экологӣ тавассути идроки худ дар ҳамбастагӣ бо дониши ҳиссӣ ҳақиқати олами вуҷудро дониста мегирад. Фоидаи дониши ҳиссӣ ин фақат донистан нест, балки хайр кардан аст. Масалан, одамони синну соли гуногун, ҷинс ё касб дар шинондани ниҳол, тозаву озода нигоҳ доштани маҳали зист ё мавзеи муайян фаъол мебошанд. Чунин амал хайри шахс аст, зеро воситаи амали ӯ дониши ҳақ аст. Вақте ки одам мусаллаҳ бо дониши ҳиссӣ ба кори хайр

Сеюм. Зинаи дониши ақлӣ. Албатта, барои расидан ба маърифати экологӣ мавқеъ ва мартабаи дониши ҳиссӣ хеле баланд аст, аммо, ба андешаи мо, зинаи олии дониши экологӣ ё худ маърифати экологӣ ин ақл дониста мешавад. Инсон ба воситаи ақл метавонад ҳақиқати ҷисмро донад.

Ғайр аз роҳҳои ҳалли мушкилоти экологӣ, яъне зинаи дониши ҳиссӣ ва ақлӣ, дигар роҳҳо низ вуҷуд доранд. Ин ҷо ба як нуқтаи муҳим аҳамият додан зарур аст ва он пайваст будани дониши ҳиссӣ бо дониши ақлӣ мебошад. Маҳз ҳамин пайвастагӣ боиси пайдо шудани маърифати экологӣ мегардад. Масалан, дар кӯдак дониши ҳиссӣ бештар ғалаба мекунад ва ин ба ӯ пурра имконият намедиҳад, ки моҳияти чизро пурра аз худ намояд, пас бо роҳи дониши ақлӣ, ки манфиат дорад, моҳияти чиз дарк мешавад. Аз ин рӯ, яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад. Пас, ин ду зинаи дониш ба якдигар пайваст аст, агар роҳи пайдо шудани дониши ҳиссӣ ҷисм бошад, он гоҳ роҳи пайдо кардани дониши ақлӣ дониши ҳиссӣ мебошад. Байни онҳо мартабаи сеюм вуҷуд дорад ва он табиат мебошад ва хулоса пайдо мешавад, ки ҳар се бо ҳамдигар алоқаманданд.

Инсони дорои дониш, албатта, ба маърифати экологӣ хоҳад расид, аммо ғайр аз ин, барои комилан расидан ба маърифати экологӣ қувваҳои алоҳида вуҷуд доранд.

Қувваи якум дар зикри тарбия. Аз ҳама мавҷудоти бартару болотар дар олам одам шинохта шудааст. Бояд гуфт, ки маҳз тарбия одамро зебо ва комилу тавоною неруманд гардонидааст. Маълум аст, ки зинаҳои тарбия ҳам гуногун мебошанд, чун пеш аз ҳама оила, мактаб ва ҷомеа. Ҳар кадоме аз онҳо қуввае мебошанд, ки барои расидан ба маърифати экологӣ мақому манзалати худро доранд. Масалан, оила. Дар оила падару модар ва фарзанд якҷоя зиндагӣ мекунанд. Муҳим аст падар ва модар хирадманд бошанд, то тарбияи фарзанд дар сатҳи хубу сифати баланд амалӣ гардад. Сухан бояд ошкор бошад ва онро тарзе бояд гуфт, ки фарзанд онро қабул менамояд. Ин ҳама дар синни кӯдакӣ шурӯъ мегардад ва он ғизо ё таҳкурсии маърифати экологӣ дониста мешавад.

Дар бораи мавқеъ ва аҳамияти оила дар тарбияи фарзанд, аз ҷумла маърифати экологӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтаанд: «падару модарон бояд шароит муҳайё созанд, ки наврасону ҷавонон, духтару писар бояд хонанд, илму дониш ва касбу ҳунар омӯзанд».

Омӯзгор такя ба урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, ахлоқу сифатҳои нек ва дониши қавӣ ба хонандагон метавонад роҳи дурусти расидан ба маърифати экологиро нишон диҳад. Роҳи дуруст ба андешаи мо, ин донистани табиат, эҳтироми сифатҳои он, ҳиссагузорӣ дар зебо ва ҳифз нигоҳ доштани табиат, ба таври шоиста шинондану рӯёнидани рустанӣ ва дарахтон мебошад ва ин ҳама яке аз ҷиҳатҳои муҳими маърифати экологӣ маҳсуб мешавад. Ҷиҳати муҳимтар аз он ақл аст, ки роҳи саҳеҳтар ва қиматтар буда, ба дониш такя менамояд. Хонандаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна кӯшиш менамояд, ки дар ин қисмат дониши пайдокардаро мустаҳкам, устувору пойдор нигоҳ дорад. Ин имконият медиҳад, ки заминаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна боиси тараққиёти зинаи олии таҳсилот мегардад.

Кадом омилҳои ҷамъиятӣ сабаби рушди маърифати экологӣ мегардад? Пеш аз ҳама, қабули қонунҳо, қарорҳо, барномаҳо ва стратегияҳои давлатии гуногунсоҳа имконият медиҳанд, ки маърифати экологӣ дар ҳама зинаҳои иҷтимоӣ амалӣ шаванд. Ғайр аз ин, ҳифзи табиат ва ободии кишвар вазифаи пурифтихори ҳар як шахсе, ки моҳият ва мазмуни маърифати экологиро дарк намудааст, мебошад.

**М. САЪДУЛЛОЕВ,**
**номзади илмҳои фалсафа,**
**Н. ШОҲИЁН,**
**номзади илмҳои техникӣ**

# ЗИ ҶӮЕ, КИ ХӮРДӢ ...

## ЧАРО ДАР ГУЗАШТА РӮДҲО ДИДБОН ДОШТАНД?



**Дар канори рӯд ё чашмае нишастан чӣ кайфият дорад. Об ҷорӣ шуда, садои резиши он ба тану ҷон ҳаловат мебахшид. Ин манзараҳои зебо касро сеҳру афсун мекунад. Инро ман кайҳо эҳсос карда будам ва ахиран дар лаби рӯди пуртуғёни Варзоб мешинам. Он шасту бозии пештараашро надошт.**

Ҳангоми тамошои рӯд манзараҳои соҳил маро ғамгин кард. Маҳзунии ман аз он буд, ки канори дарё, таги дарахтони сояафкан ҳолатеро мемонд, ки аз фарҳанги суннатии мо дур буд. Дар канораҳои соҳил аз обнӯшаҳои холӣ то халтаҳои носу сигарет ифлосиҳо зиёд буданд. Аз гӯшае то ҳанӯз боқимондаи дуди гулхану хокистари пошхӯрдаи «сайёҳони шабгард» ба машом мерасид. Аз як сӯ нафароне бо шару шӯр мошинҳои боҳашамати «ғалатӣ» – и худро намоишкорона ба ҷои паҳноии рӯд дароварда, бепарвоёна шустушӯ доштанд. Оби мусаффои дарё ҳамоно аз равғану ихроҷиҳои дигари мошин пур мегашт. Рӯд дигар садои форам надошт, балки бо ҳазорон хашм сар ба сангҳо зада, мехост хасрӯбаҳоро ба соҳил барорад, аммо наметавонист. Гоҳо паст фиғон кашида, ифлосиҳоро ба коми худ фурӯ мебурд. Ин манзараҳои ҳузнангезро мушоҳида карда, дарк кардам, ки имрӯз ба қадри дарёву кӯлҳои мусаффо ва чашмаҳои зулол намерасем. Дар зеҳнам гузаштаи дури таърих ҷилва дод: - чаро рӯдхонаҳоро посбонӣ мекарданд:

**Чу омад ба наздики Арвандрӯд,**
**Фиристод аз рӯдбонон дуруд.**

Мо низ бояд рӯдҳоро муҳофизат кунем, ин на танҳо кори давлат ё як кумита, балки рисолати аҳли ҷомеа мебошад. Баҳри ин фаҳмондадиҳӣ лозим, зеро нарасидани оби ошомиданӣ кайҳо боз ҷаҳониёнро ба ташвиш овардааст. Мардумро зарур аст, ки обро гиромӣ доранд ва ба захираҳои фаровон – сарманшаи ҳамаи неъматҳо эҳтиром гузоранд.

Набояд фаромӯш кард, ки гузаштагони мо на танҳо рӯдҳоро посбонӣ мекарданд, балки нисбат ба об эҳтироми хоса доштанд.

**Оби ноёфта гарон бошад,**
**Чун биёбанд, ройгон бошад.**
**А. Саноӣ**

Дар ҷаҳони имрӯза масоили зиёди ба ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) рабтдошта, аз ҷумла тағйирёбии иқлим ва мушкилоти экологӣ зеҳни ҷаҳониёнро машғул кардааст. Проблемаи норасоии оби нӯшокӣ кори як касу ду кас нест ва он роҳи сарҷамъона буда, инсоният тӯли солҳои дароз дар ин самт ҷаҳду талош дорад.

Солҳои зиёд аз тағйирёбии иқлим ва таъсири офатҳои табиӣ нигаронӣ аз норасоии об боз ҳам афзудааст. Захираҳои обии пиряхҳо торафт кам шуда истодааст. Аз рӯи маълумоти коршиносон, имрӯз дар ҷаҳон тахминан 1,5 миллиард одамон имконияти истифода бурдан аз оби ошомиданиро надоранд. Беш аз 7 миллион одамон ҳар сол аз сабаби бемориҳое, ки вобаста ба об аст, ба ҳалокат мерасанд. Аз ин шумора 2,2 миллиони онҳоро кӯдакони то панҷсола ташкил медиҳанд. Ин пайомадро ба назар гирифта, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар сол бо ташаббусҳои арзишманди хеш дар сатҳи ҷаҳонӣ дар бобати истифодаи оқилонаи захираҳои об барномаҳои мукаммалу мушаххасро пешниҳод месозанд. Маҳз бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2003-юм «Соли байналмилалии оби тоза» эълон гардид. Ин иқдоми Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъдтар боиси амалишавии солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об - барои ҳаёт» гардид. Созмони Милали Муттаҳид ташаббусҳои бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷонибдорӣ карда, соли 2013-ро «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» эълон намуд.

Ташаббусҳои Тоҷикистон оид ба дастрасӣ ба оби нӯшокӣ ҳанӯз аз солҳои 2000-ум ибтидо мегирад, ки аз тарафи аксар давлатҳои ҷаҳон дастгирӣ ёфта, айни замон дар ин самт чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи байналмилалӣ пайваста зарурати таъмини аҳолӣ ба оби ошомиданӣ ва беҳдошти муҳити зист, баланд бардоштани сифати об ва самаранокии истифодаи он, ҳифзи экосистемаҳои об, идоракунии муштараки захираҳои об ва густариши ҳамкорӣ дар соҳаи обро таъкид мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар саргаҳи ташаккулёбии захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ ҷойгир шудааст, омилҳои асосии рушди устувор, беҳдошти муҳити зист ва ҳифзи саломатии аҳолӣ ва дастрасии умумӣ ба об, маҳз аз ин саргаҳ сарчашма мегирад. Амалӣ гаштани Даҳсолаи байналмилалии «Об - барои рушди устувор» барои рушди устувори иқтисодиёти сайёра, дастрасии бештари аҳолӣ ба оби ошомиданӣ ва ҳифзи экосистемаҳои нодири табиӣ мусоидат хоҳад кард. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари таҳлилу баррасии соҳаҳои дигари мамлакат, ҳамчунин, ба беҳдошти муҳити зист ва обу пиряхҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, аз ҷумла қайд намудаанд: «Равандҳои рушди ҷаҳонӣ чунинанд, ки арзиши об метавонад аз арзиши нефт, газ, ангишт ва дигар захираҳое, ки барои рушди устувори ҳар як мамлакат ва минтақа заруранд, боло равад». Бо гузашти давоми на чандон зиёд понздаҳсолаи дурустии ин гуфтаҳо собит гардидааст. Ин омил боис гашт, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи худро ба мушкилоти вобаста ба об афзун намуда, ҷанбаҳои гуногуни ҳалли онҳоро ба рӯзномаи Ҳадафҳои рушди устувор ворид намояд.

Кишвари мо чандин маротиба мизбони ҳамоишҳои сатҳи баланди ҷаҳонӣ оид ба баррасии масъалаҳо ба об рабтдошта гардида, дар ин раванд саҳми муносиб гузошт. Бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ҳашт қатънома қабул кард, зеро таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои об, бахусус пиряхҳо, бисёр нигароникунанда мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ зери таъсири оқибатҳои тағйирёбии иқлим дар чанд даҳсолаи охир зиёда аз ҳазор пиряхи худро аз даст додааст.

Тоҷикистон саргаҳи обҳои зулоли ошомиданӣ буда, пиряхҳои бешумори кӯҳсорони мо манбаи бузурги обҳои поканд. Ҳашт фоизи ҳудуди кишвари моро пиряхҳо ташкил медиҳанд, ки масоҳати умумиашон 11 миллиону 146 ҳазор км² буда, дар онҳо тақрибан 845 км³ захираи обӣ маҳфуз аст.

Дар кишвари мо 947 дарё ва 1300 кӯл ба масоҳати 705 км² вуҷуд дорад. Ҳавзаи дарёҳои Ому, Сир, Панҷ, Вахш, Зарафшон, Кофарниҳон аз он ҷумлаанд. Кӯли машҳури Сарез, даҳҳо кӯлҳои оби мусаффо, рӯдҳои хурӯшон, чашмаҳои нуқрагуни кӯҳҳои Тоҷикистон саршори обҳои зулоли бебаҳо дар ҷаҳонанд. Аз ин рӯ, ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ на фақат барои мардуми мо, балки ба тамоми сайёра муҳим ва заруранд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳалли саривақтии ин масъала ҷалб намуда, аз ҷумла иброз намуданд: «Ҳамагон бояд фаҳманд, ки арзишмандии об на камтар аз арзишмандии нефт, газ ва дигар навъҳои сӯзишвориву манбаъҳои энергия барои ояндаи босуботи кишвар ва минтақа мебошад». Ҳадаф аз ин ташаббусҳо таъкиди зарурати ҳамкории созанда дар ҳалли масъалаҳои марбут ба об ҳамчун манбаи ҳаёт ва рушди устувори инсоният аст

Бо дастгириву ҳидояти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 6 -ум то 9-уми июни соли 2022 дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Ҳадафи шашуми рушди устувор таҳти унвони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» баргузор гардид, ки дар он ҳолати кунунии кӯлу дарё ва пиряхҳо баррасӣ шуд.

Оянда низ одамон дар рӯи замин ба шарофати ин неъмати худодод ҳаётро идома хоҳанд дод. Об барҳақ муъҷизаи табиат мебошад ва дар худ ҳазорҳо асрори нуҳуфта дорад. Ба ақидаи олимон, обро дидори одамони нек хуш меояд ва замзамаи он ҳатто ҷонваронро ба ваҷд меорад. Неруи об он қадар бузург аст, ки қатраи оби зулол ба одами ташна неруи нав бахшида, онро аз марг наҷот медиҳад. Нақши об дар ҳазми ғизо, мубодилаи моддаҳо калон аст. Мардуми тоҷик аз қадимулайём обро гиромӣ медоранд ва ситоиши Панҷ, Искандаркӯл, Вахш, Сурхоб, Сир, Зарафшон, Кофарниҳон, Бадахшон дар осори ниёкон зиёд аст. Шеъри машҳури Рӯдакӣ, ки аз оби мусаффои Ҷайҳун ёдовар шудааст, далели ин гуфтаҳост:

**Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,**
**Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.**

**Маҷид САЛИМ,**
**нависанда**

Тақриз ва китобиёт

# ДАСТУРИ МУФИД БАРОИ ЖУРНАЛИСТОН

## Дар робита ба нашри китоби «Ҳуқуқи журналист» (Маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ)», Душанбе: «Ирфон», 2022, 372 с.)

**Муовини директори «Телевизиони Тоҷикистон», номзади илмҳои фалсафа Назираи Сарфароз кори арзандаро анҷом додааст. Номбурда санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи воситаҳои ахбори омма ва журналистикаро (то 20-уми апрели соли 2022) дар маҷмӯа мураттаб намуда, онро ҳам дар шакли электронӣ (www.tvt.tj.huquqi-jurnalist) ва ҳам дар шакли чопӣ манзури хонандагон гардонидааст.**

Китоби мазкур бо қарори Шӯрои илмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст.

Ба маҷмӯаи мазкур узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Д. С. Раҳмон ва муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Каримзода сарсухан навишта, баҳои баланд додаанд.

Мураттиб дар ибтидо моддаҳои асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба иттилоот, воситаҳои ахбори омма ва журналистика рабт доранд ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалию миллиро ҷамъ намуда, онҳоро вобаста ба аҳамият, дараҷа ва предмети танзим ба чор боб ҷудо намудааст.

Боби якум ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти идораи редаксияҳои рӯзномаҳо ва дигар намуди воситаҳои ахбори омма ва журналистонро ба танзим медароранд, бахшида шудааст. Дар ин боб санадҳои зерин гирдоварӣ шудаанд: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» ва «Дар бораи фаъолияти095 ноширӣ ва полиграфӣ».

Боби дуюми маҷмӯа ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие бахшида шудааст, ки соҳаҳои дигарро ба танзим медароранд, аммо ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма ва журналистон ҳам дахл доранд. Дар ин боб санадҳои зерин гирдоварӣ шудаанд: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама», «Дар бораи кино», «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Дар бораи сирри давлатӣ», «Дар бораи муқовимат ба терроризм», «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо», «Дар бораи криптография», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи имзои электронии рақамӣ», «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи иттилооти экологӣ», «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо», «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият», «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ», «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» ва «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият».

Мураттиб ба ғайр аз қонунҳои зикршуда моддаҳои алоҳидаро, ки ба журналистика дахл доранд, аз таркиби кодексҳои гуногун интихоб карда, дар ҳамин боб ҷойгир кардааст. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисмҳои 1, 2 ва 3), Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамон ҷумлаанд.

Ҳамчунин, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба соҳаи журналистика дахл доранд, ҷамъоварӣ карда, ба ин боб ҳамроҳ шудааст. (Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо», Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ»).

Дар боби сеюми маҷмӯа ба санадҳои зерқонуние таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, ки фаъолияти воситаҳои ахбори омма ва журналистонро танзим менамоянд.

Барои мисол, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма», «Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ барои солҳои 2010 – 2025», «Барномаи давлатии рушди телевизион ва радио дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025», «Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2015», «Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2024», «Низомномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии рушди соҳаи табъу нашр ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2026», қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет ва Феҳристи ҳуҷҷатҳо ва сарчашмаҳои иттилоотие, ки бояд ҳатман ба Маркази миллии патентию иттилоотии Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шавад.

Дар боби чорум санадҳои байналмилалие мураттаб шудаанд, ки куллан ё қисман ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма ва журналистон бахшида шудааст. Ба ин рӯйхат Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ, Аҳдномаи созмони байналмилалии моликияти зеҳнӣ оид ба ҳуқуқи муаллиф, Созишнома байни ҳукуматҳои давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи воситаҳои ахбори омма, Созишнома оид ба таъсиси инфрасохтори иттилоотии фаъолияти инноватсионии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шакли системаи густурдаи иттилоотӣ ва портали Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Иттилоот барои фаъолияти инноватсионии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» дохиланд.

Умуман, китоби «Ҳуқуқи журналист»-и Назираи Сарфароз на танҳо барои журналистон, балки барои донишҷӯён, магистрон, аспирантон, докторантон, омӯзгорон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагони дигар касбу кор метавонад ҳамчун дастури муътамади ҳуқуқӣ хизмат кунад.

**У. МЕЛИКОВ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ**
**ва зиддикоррупсионии ДДТТ**

# ЭЪЛОН!

## Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ишғоли вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд:

1. Сарходими илмӣ - 4.5 ҷой
2. Ходими пешбари илмӣ - 10 ҷой
3. Ходими калони илмӣ - 12 ҷой
4. Ходими илмӣ - 3 ҷой
5. Ходими хурди илмӣ - 9 ҷой.

Шахсоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод менамоянд:

1. Дафтарчаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо ва тарҷумаи ҳол
2. Нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи маълумоти олӣ ва баъдидипломӣ
3. Дараҷа ва унвонҳои илмӣ
4. Маълумотнома аз ҷои кори охирин
5. Рӯйхати асарҳои илмӣ ва ихтироот.
6. Маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ.

**ЭЗОҲ: Озмун дар муҳлати 1 моҳ аз рӯзи ба нашр расидани эълон идома меёбад.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 412806 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №105-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2022 09:10:00 |
| 2 | 412799 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои барқӣ, хоҷагидорӣ, равғанҳои молиданӣ ва моноблок | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 12.12.2022 16:55:18 |
| 3 | 412795 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 22.12.2022 15:55:00 |
| 4 | 412796 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 22.12.2022 15:55:55 |
| 5 | 412798 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Парчам | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 22.12.2022 15:59:53 |
| 6 | 412797 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 54 | 22.12.2022 16:20:00 |
| 7 | 412801 | Идораи сохтмон ва меъмории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент | Азнавбарқарор-кунии (корҳои системаи гармидиҳӣ) Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаи Саразм» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.12.2022 20:05:00 |
| 8 | 412802 | Муассисаи давлатии вилоятии рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» | Чопи рӯзнома | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 22.12.2022 20:10:00 |
| 9 | 412804 | Бахши фарҳанги ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Таъмири асосии бинои Бахши фарҳанги ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.12.2022 08:43:01 |
| 10 | 412803 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдорӣ ва истифодабарии иншоот»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Ниҳоли гул, нуриҳои органикӣ ва маъданӣ, молҳои рӯзгор ва кабел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 23.12.2022 09:00:00 |
| 11 | 412809 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Радиатори гармидиҳии биметаллӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 23.12.2022 09:50:12 |
| 12 | 412810 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологии ба номи Гулов Минҳоҷ Ғуломович»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои таъмирӣ дар Маркази саломатии Чимқалъаи Ҷамоати деҳоти Саразми шаҳри Панҷакент | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.12.2022 09:55:00 |
| 13 | 412805 | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гузаронидани хатҳои барқии 0,4 кВт Қизил-қалъа - Бохтар - шоҳроҳи Душанбе - Бохтар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.12.2022 10:00:00 |
| 14 | 412807 | Кумитаи ҳифзи табиати шаҳри Панҷакент | Сохтмони фермаи ширию молӣ дар хоҷагии ёрирасони намунавии «Ҳифзи табиат»-и шаҳри Панҷакент | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.12.2022 10:00:00 |
| 15 | 412808 | Беморхонаи маркази ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Таъмири даромадгоҳи шуъбаи эҳё, даромадгоҳи шуъбаи кӯдакони навзод ва боми маҷлисгоҳи беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.12.2022 10:00:00 |
| 16 | 412811 | Муассисаи давлатии «Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим»-и ноҳияи Рашт | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 23.12.2022 10:35:24 |
| 17 | 412800 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Аккумулятор ва қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 23.12.2022 15:55:55 |
| 18 | 412812 | Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббӣ - санитарии ноҳияи Нуробод | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 71 | 23.12.2022 17:00:09 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**20-уми декабри соли 2022 музоядаи № 40-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд**

| № | Номгӯй | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Айнакҳои зиддиофтобии истеҳсоли Хитой | адад | 1004 | 1807 |
| 2 | Ноутбук Acer (истифодашуда) | адад | 1 | 600 |
| 3 | Принтер Epson (истифодашуда) | адад | 1 | 220 |
| 4 | Телефонҳои мобилии гуногунтамға (истифодашуда) | адад | 12 | 840 |
| 5 | Магнитофони мошин (комплект) (истифодашуда) | адад | 1 | 220 |
| 6 | Телефонҳои мобилии гуногунтамға (истифодашуда) | адад | 2 | 300 |
| 7 | Телефонҳои мобилии гуногунтамға (истифодашуда) | адад | 12 | 1800 |
| 8 | Костюм ва шимҳои бачагона | адад | 250 | 15000 |
| 9 | Шимҳои бачагона | адад | 470 | 14100 |
| 10 | Таҷҳизоти махсуси равшанидиҳӣ (истифодашуда) | адад | 2 | 220 |
| 11 | Ноутбуки тамғаи Samsung PB-515 (истифодашуда) | адад | 1 | 600 |
| 12 | Планшети тамғаи Samsung A6 (истифодашуда) | адад | 1 | 370 |
| 13 | Телефони мобилии Honor (истифодашуда) | адад | 1 | 300 |
| 14 | Собуни мушк | адад | 10 | 7 |
| 15 | Дастҳои ришгирӣ (одноразовый) | адад | 3 | 3 |
| 16 | Хамираи дандоншӯй | адад | 4 | 4 |
| 17 | Шёткаи дандоншӯй | адад | 1 | 1 |
| 18 | Планшети истифодашуда (таъмирталаб) | адад | 3 | 225 |
| 19 | Симҳои қувватдиҳандаи телефони мобилӣ (истифодашуда) | адад | 70 | 70 |
| 20 | Телефони мобилии НОКИА (билайн) нав | адад | 40 | 2400 |
| 21 | Телефони мобилии НОКИА (калон) нав | адад | 15 | 1020 |
| 22 | Телефони мобилии PUZZ (нав) | адад | 9 | 675 |
| 23 | Гӯшмонаки тамғаи 19S-TWS ih podis12 | адад | 3 | 180 |
| 24 | Ранги сафед (краска 3 кг) | адад | 20 | 500 |
| 25 | Эмулсия 20 кг | адад | 6 | 420 |
| 26 | Эмулсия 15 кг | адад | 4 | 240 |
| 27 | Маҳлули омехта 1 кг | адад | 15 | 90 |
| 28 | Рӯймоли рангҳояшон гуногун | адад | 500 | 7500 |
| 29 | Шарфҳои тӯрии рангҳояшон гуногун | адад | 208 | 3120 |
| 30 | Рӯймолча | адад | 500 | 4500 |
| 31 | Базаи камераи мушоҳидавӣ (истифодашуда) | адад | 1 | 60 |
| 32 | Тӯби футболбозӣ, сипарҳо барои пой (щетки), дастпӯш барои муштзанӣ | адад | 51 | 1785 |
| 33 | Пойафзол (кӯдакона) | ҷуфт | 3 | 150 |
| 34 | Босоножки (кӯдакона) | ҷуфт | 6 | 120 |
| 35 | Чешки (кӯдакона) | ҷуфт | 1 | 15 |
| 36 | Формаи Снегурочка (кӯдакона) | адад | 1 | 60 |
| 37 | Майка (кӯдакона) | адад | 1 | 20 |
| 38 | Баллеро (кӯдакона) | адад | 3 | 45 |
| 39 | Куртка (кӯдакона) | адад | 1 | 45 |
| 40 | Куртка (кӯдакона) | адад | 1 | 80 |
| 41 | Колготки (кӯдакона) | адад | 1 | 15 |
| 42 | Туники (кӯдакона) | адад | 1 | 30 |
| 43 | Ветровка (кӯдакона) | адад | 1 | 30 |
| 44 | Хоккей (бозича) | адад | 1 | 50 |
| 45 | Наколенки истеҳсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон | адад | 28 | 560 |
| 46 | Пойафзоли резинии занона Адидас (шлёпка) | 19 ҷуфт | 12 адад | 2736 |
| 47 | Пойафзоли резинии мардона Адидас (шлёпка) | 35 ҷуфт | 12 адад | 5040 |
| 48 | Қуттиҳои пластмассии Вазелин | 29 ҷуфт | 90 адад | 7830 |
| 49 | Хушбӯйкунандаи тамғаи Айр Фрешенер | 28 ҷуфт | 253 адад | 2024 |
| 50 | Сачоқ барои дастпоккунӣ (тамғаи Порфосор) | адад | 348 | 2088 |
| 51 | Зажигалка тамғаи ККК | адад | 400 | 800 |
| 52 | Таҷҳизот барои тугмадӯзии баданаш оҳанин | 9 ҷуфт | 5 адад | 4725 |
| 53 | Рӯйпӯши гулдор (андозаи 3х5, 3х2 рангҳои гуногун (дастархон) | 20 копча | 10 адад | 14000 |
| 54 | Ниқобҳои тиббӣ | адад | 96200 | 28860 |
| 55 | Телефони мобилии гуногунтамға (нав) | адад | 353 | 180030 |
| 56 | Матраси рахти хоб андозааш 1,80х2 (рангаш сафед) | адад | 3 | 4200 |
| 57 | Чархҳои автомашина (истифодашуда) | адад | 124 | 32240 |
| 58 | Пойпӯши резинии мардона ва занона | адад | 110 | 1320 |
| 59 | Рӯймоли занона | адад | 50 | 750 |
| 60 | Тоҷӣ занона | адад | 500 | 6000 |
| 61 | Шими духтарона | адад | 1151 | 13812 |
| 62 | Шими кӯдакона | адад | 504 | 6048 |
| 63 | Комбинзони кӯдакона | адад | 3 | 36 |
| 64 | Куртаи мардона | адад | 93 | 3534 |
| 65 | Куртаи занона | адад | 436 | 16568 |
| 66 | Палтои духтарона ва занона | адад | 525 | 31500 |
| 67 | Куртаи занона | адад | 330 | 12540 |
| 68 | Куртаи кӯдакона | адад | 15 | 120 |
| 69 | Либосҳои ороишии солинавии кӯдакона | адад | 38 | 456 |
| 70 | Жемпири бачагона | адад | 257 | 7710 |
| 71 | Жемпири занона | адад | 22 | 660 |
| 72 | Дастпӯшаки хурд ва калон | адад | 97 | 388 |
| 73 | Шарфҳои духтарона ва бачагона | адад | 57 | 456 |
| 74 | Сарпӯши зимистона | адад | 328 | 2624 |
| 75 | Сарбанди кӯдакона | адад | 40 | 320 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## АГЕНТИИ ХАРИДИ ДАВЛАТИИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ ОЗМУН эълон менамояд:

**Номи мансаб: Бахши ҳуқуқ, такмил ва мониторинги хариди давлатӣ**

- мудир - 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ, 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ), маоши мансабӣ – 1735, 85 сомонӣ.

Малакаи хуби роҳбарӣ, муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ, кор бо компютер ва таҷҳизоти коммуникатсионии идоравӣ, донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ барои ҳамаи довталабон ҳатмист.

Ба бонувону занҳо ва шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд, забонҳои хориҷиро медонанд ва унвонҳои соҳавии илмӣ доранд, афзалият дода мешавад.

**Довталабон ба комиссияи озмунӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ (шакли муқарраршуда);
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо ду дона расми андозаи 4 х 6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи таҳсилот;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи собиқаи меҳнатӣ (дафтарчаи меҳнатӣ);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсони дорои уҳдадории ҳарбӣ);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038);
- нусхаи гувоҳинома аз мақомоти андоз (РМА);
- маълумотнома аз ҷои зист;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ (аз Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

Довталабон ҳуҷҷатҳои мазкурро метавонанд тавассути суроғаи электронии **info@zakupki.gov.tj** ё бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотта Руставелӣ - 22** пешниҳод карда, маълумоти иловагиро дар хусуси низоми озмун, салоҳият ва вазифаҳои мансабӣ ба воситаи **телефонҳои 227-66-21, 227-66-79** ё сомонаи **www.zakupki.gov.tj** дастрас намоянд.

**Муҳлати ниҳоии қабули ҳуҷҷатҳо - 21 рӯз пас аз нашри эълони мазкур дар воситаҳои ахбори омма (то соати $17^{00}$) муқаррар мешавад.**

# ЭЪЛОН!

## Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ишғоли вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд:

1. Сарходими илмӣ – 4 ҷой
2. Ходими пешбари илмӣ – 4 ҷой
3. Ходими калони илмӣ – 13,5 ҷой
4. Ходими илмӣ – 6 ҷой
5. Ходими хурди илмӣ – 5 ҷой.

Шахсоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод менамоянд:

1. Дафтарчаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо ва тарҷумаи ҳол
2. Нусҳаи ҳуҷҷатҳо дар бораи маълумоти олӣ ва баъдидипломӣ
3. Дараҷа ва унвони илмӣ
4. Маълумотнома аз ҷои кори охирин
5. Рӯйхати асарҳои илмӣ ва ихтироот
6. Маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ.

**Озмун давоми 1 моҳи аз рӯзи ба нашр расидани эълон идома меёбад.**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатнома барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0385922 ва Иқтибос бо РМА 127516414, РЯМ 013017243-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 21-уми феврали соли 2019 ба Маташев Ҳусниддин Фахриддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома ва иқтибос бо РМА 155037789, РЯМ 1530008352-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Ахмедов Раҳматҷон Умарович додааст, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи кассавии тамғаи ОКА ПФ 36061-и гумшуда бо РМА 125552466, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Раҳимов Нуралӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии хориҷии силсилаи 53, №0723806-и гумшуда, ки онро Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Россия 17-уми сентябри соли 2014 ба Каримов Тоҳир Фарҳодович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартираи силсилаи ДШ №0395295-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таҳти феҳристи 29 «Б» - 145 санаи 28-уми июни соли 1994 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 46, квартираи 35 ба Алиахмедов Джами Мирахмедович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии таҳти қайди 2346-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 46, квартираи 35 ба Алиахмедов Джами Мирахмедович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятии силсилаи На №0015728-и гумшуда, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми феврали соли 2008 ба ташкилоти ҷамъиятии «Марказ оид ба рушди ҷомеъаи шаҳрвандӣ» додааст, эътибор надорад.

✓ Созишнома оид ба тақсими молу мулки меросии силсилаи ДШ № 1305348-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти феҳрасти 2Ш-1970 санаи 30-юми ноябри соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Махсум (собиқ Будёный), ҳавлии №113 ба Закиров Зоирджон Ризоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни силсилаи ДШ №1305344-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми ноябри соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Махсум (собиқ Будёный), ҳавлии №113 ба Закиров Зоирджон Ризоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии бинои маъмурии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 31-уми августи соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Аҳмади Дониш, бинои 3, квартираи 26 ба Раҳматов Нарзулло Асадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0377498-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 11-уми январи соли 2022 таҳти рақами 56134 ба Раҳматов Нарзулло Асадович (РМА 095967234) барои утоқи корӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Аҳмади Дониш, бинои 3, утоқи 26 додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартираи силсилаи ДШ № 1435169-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 3-юми ноябри соли 2022 таҳти феҳрасти 1Ш-3520 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 55/1, квартираи 6 ба Олимова Муқадас Саидхуҷаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартираи силсилаи ДШ №1435170-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 3-юми ноябри соли 2022 таҳти феҳрасти 1Ш-3521 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 55/1, квартираи 59 ба Олимов Сайхуҷа Олимхуҷаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Дилшоди Файзалӣ (РМА 015261459, РЯМ 0130138645) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 9-уми апрели соли 1997 таҳти феҳрасти 7н-106 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Профсоюзҳо (ҳоло кӯчаи Абӯалӣ ибни Сино), бинои 132/2, квартираи 39 ба Тоҳирова Шарофат Муродовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аппарати хазинавии ОКА 102ф таҳти № 124809-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2015 ба соҳибкори инфиродӣ Пулотов Абдураҳмон Тошевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи №09679-и гумшуда, ки онро ташкилоти «Собиқадорони амалиётҳои мусаллаҳона» ба Сафарова Марямбӣ Давлатовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятии гумшуда, ки онро Раёсати адлияи вилояти Хатлон таҳти рақами қайди ИҶ -75 санаи 13-уми декабри соли 2007 ба ташкилоти ҷамъиятии Ассотсиатсияи волидону омӯзгорони мактаби таҳсилоти умумии №5-и шаҳри Норак додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи ТАТУ №0244526-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Варзоб соли 2016 ба Шарипов Шаҳобиддин Ҷамолиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи ба қайд гирифтани иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 41 санаи 21-уми июни соли 2007 ба ташкилоти ҷамъиятии «Кумитаи падару модарон ва омӯзгорон»-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 12-уми декабри соли 2020 ба Ҳусейнов Эмомалӣ Умарбекович (РМА 115582014, РЯМ 0130187503) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии силсилаи ШМ №0024341 ва талони техникии силсилаи ТЛ № 0026865-и мехлопатаи рақами давлатиаш - 3256ТА 01 TJ (тамғаи LW 300 FN, соли барориш - 2013, рақами завод - FHECB 02198, рақами муҳаррик - BB6G3E30538)-и гумшуда, ки ба Комронбек Расулзода мутааллиқ буда, дар БНДТК-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ахмедова Шаҳноза Акбаровна, ки дорои патент бо РЯМ 0230100448 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2022 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

✓ ҶДММ «Милод ТҶ», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0258109 ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ бо РЯМ 0410017814, РМА 040037565 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 4-уми октябри соли 2012 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Забури замон», (РЯМ 6010006356), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0290104 буда, онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 8-уми декабри соли 2021 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Марказ оид ба рушди ҷомеъаи шаҳрвандӣ» (РМА 030015411), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятии силсилаи На №0015728 буда, он дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми феврали соли 2008 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Муассисаи хусусии таълимии томактабии «Ясмина 2015» (РМА 030028292, РЯМ 0310016988), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0266839 (онро Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 13-уми августи соли 2015 додааст) фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии Ассотсиатсияи волидону омӯзгорони мактаби таҳсилоти умумии №5-и шаҳри Норак, ки 13-уми декабри соли 2007 таҳти рақами қайди ИҶ-75 дар Раёсати адлияи вилояти Хатлон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии ҷанговарони башардӯсти «Шуҷоат»-и шаҳри Норак, ки дар Раёсати адлияи вилояти Хатлон таҳти рақами қайди ИҶ-308 санаи 7-уми апрели соли 2010 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum.tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17-уми марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 5 декабри соли 2022, соати 18:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33390 нусха

Навбатдори шумора
Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров